# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи “Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ**

Мушкилоти бекорӣ дар даҳсолаҳои охир ба ҳайси яке аз масоили бисёр вазнину бӯҳронии ҷомеа, бахусус кишварҳои рушднаёфта маҳсуб ёфта, боиси ақибмондагӣ дар фановарӣ, ки дар баъзе мавридҳо аз мушкилиҳои ҳалнашаванда мебошад, дониста мешавад. Бекорӣ яке аз бузургтарин душвориҳоест, ки тавозуну эътидоли ҷомеаро барҳам мезанад ва боиси эҷоди бӯҳронҳои зиёд дар арсаҳои равонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мегардад. Он ҳам осебҳои ҷиддии фардӣ ва ҳам осебҳои иҷтимоии қобили мулоҳизае ба бор меоварад. Ҳол он ки ин мушкилии гарони иҷтимоӣ зеҳни одамиро фаро гирифта, метавонад ҷумлаи афродро ба афсӯрдаҳоливу рӯҳафтодагӣ – депрессия мубтало намояд, ки муаллиф низ лозим донистааст рӯйи ин масъала тадқиқот барад.

Бекорӣ илова бар талафи сармояи инсонӣ масоил ва мушкилоти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро ба дунбол дорад. Шаке нест, ки ҷамъи зиёде аз мардуми ҷаҳон ба далели бекорӣ ва ё шуғли нопурра вазъияти таҳаммулнопазиреро аз сар мегузаронанд, зеро барои зиндагии бошарофату босаодат ва санҷиши тавоноиҳои худ дар кори судманд имкон намеёбанд. Бо таваҷҷуҳ ба вазъи бекорӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм ва ҳамчунин кишвари Афғонистон таваҷҷуҳ ба ин масъала аҳамияти хоссе дорад ва ниёзи расидан ба як роҳи кор ҷиҳати коҳиши бекорӣ дар кишвар бисёр зарурӣ аст, ки бар аҳамияти ин мавзуъ далолат мекунад.

Қобил ба зикр аст, ки масъалаи бекорӣ ва депрессия асосан, аз ҷониби олимони соҳаи иқтисод ва равоншиносону ҷомеашиносон мавриди таҳлил карор гирифта, аз ҷониби коршиносони соҳа як қатор пажӯҳишҳо анҷом дода шудаанд. Вале дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иртиботи бекорӣ ва мизони депрессия дар байни ҷавонон ягон

пажӯҳиши илмӣ гузаронида нашудааст. Бо назардошти ин вазъ муаллифи таълифоти мазкур кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ин пажӯҳиш бори аввал робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро ба риштаи таҳқиқ кашида, чунин намудҳои депрессияро аз қабили депрессияи сабук (афсурдаҳолӣ); депрессияҳои шайдоӣ; депрессияи отифии мавсимӣ; депрессия миёна; депрессияҳои асосӣ (депрессияи клиникӣ); депрессияи молихулиёӣ; депрессияи равонпарешонӣ; депрессияи атикикӣ, отипик (ғайри маъмулӣ) муайян намуда, сабабҳо ва омилҳоеро аз қабили омилҳои генетикӣ, механизмҳои зистшиносӣ-биологӣ, омилҳои асабӣ-ғадудӣ, омилҳои шахсиятӣ, омилҳои иҷтимоӣ, рӯйдодҳои стрессовари зиндагӣ, тарди иҷтимоӣ, таомули иҷтимоӣ, факр, ки ба раванди гирифторшавии депрессия ба ҷавонон мусоидат мекунанд, баррасӣ намояд.

Довталаб дараҷаи илмӣ Сахиёр Раҳимуллоҳ дар кори илмии худ зикр мекунад, ки "ҷавононе, ки вазъияти иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии онҳо зери таъсири манфии бекорӣ карор гирифта буд, гирифтори депрессия нашуданд ва муносибат нишон дод, ки ҷанбаи вазъи иқтисодӣ бо некӯаҳволии иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад.

Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ аз муқаддима, ду боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар анҷоми ҳар боб натиҷаҳои озмоишу пажуҳиши амалӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардида, барои пешгирӣ ва бартараф намудани мушкилоти бекории ҷавонони дар ҷомеаи Афғонистон аз тарафи муаллиф як қатор тавсияҳои асоснок пешниҳод шудаанд.

Ҳаминро низ бояд хотирнишон сохт, ки дар кори мазкур дар баробари афзалиятҳо ба баъзе хатоҳои имлоиву техникӣ роҳ дода шудааст ва бартараф кардани онҳоро аз тарафи муаллиф ҳатмӣ меҳисобем.

Ба ҳамин тариқ, автореферат ба талабот пурра ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае метавон омад, ки таҳқиқоти

диссертатсионии **Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи “Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул”** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ** сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дитсент, директори
Муассисаи давлатии таълимии
«Литсейи касбии техникии
сохтмони шаҳри Душанбе» Саидзода А.Р.

13. 05.2025

Маълумот барои тамос734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 42
Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Душанбе» Тел.: +992 935 25 02 03 E-mail: ahmadsho1984@list.ru

Имзои Саидзода А.Р. тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва бойгонии МДТ
«Литсейи касбии техникии
сохтмони шаҳри Душанбе» Ф.Назруллоева